**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Раҳмон Юсуф Азим дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).**

Раҳмон Юсуф Азим 20-уми майи соли 1971 дар ноҳияи Фархори вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Соли 2003 Академияи авиатсияи граждании шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисод ва идоракунии корхонаҳои нақлиёти ҳавоӣ хатм намудааст. Баъди хатми академия ба ҳайси роҳбари намояндагии Ширкати ҳавопаймоии «ГАРТ» - Тоҷикистон дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия, аз соли 2005 то соли 2008 роҳбари намояндагии Ширкати ҳавопаймоии «ГУАП» Тоҷикистон дар Федератсияи Россия, солҳои 2009-2011 роҳбари намояндагии «ГУП»-Роҳи оҳани Тоҷикистон дар шаҳри Екатеринбурги Федератсияи Россия, солҳои 2011 - 2013 Сардори идораи таъминоти молию техникии ширкати ҳавопаймоии «Тоҷик эйр» ва солҳои 2014 - 2018 ба ҳайси Сардори Раёсати авиатсияи граждании Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, айни замон, ходими калони илмии шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Аз соли 2021 то инҷониб, тибқи фармоиши директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 05.03.2021, таҳти №21а унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад. Мавзӯи кори диссертатсиониаш дар ҷаласаи Шурои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ муҳокима ва тасдиқ шудааст. (протоколи №04 аз 30 апрели соли 2021).

Ҳангоми иҷрои кори илмии худ Раҳмон Юсуф Азим дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварӣ, омӯзиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёни хориҷию ватанӣ, ки ҷабҳаҳои назариявии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон дод. Инчунин, дар раванди таҳқиқот оид ба таҳия намудани мақолаҳо кӯшиш ба харҷ дода, аз рӯи мавзӯи кори илмӣ 7 мақола ба чоп расонидааст, ки аз онҳо 5 тоаш ба маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меоянд.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз омӯзиши механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ дар шароити ҳозира ва асосноккунии роҳҳои такмили он иборат мебошад. Мавзӯи таҳқиқот мубрам аст, зеро, шароити хоси иқлиму табиати кишвар, кӯҳсор будани қисмати зиёди он, душворгузар будани роҳҳои кӯҳӣ аз сабаби зуд-зуд такроршавии заминҷунбӣ ва офатҳои табиӣ (фаромадани ярч, тарма, сангрезиш ва ғ.), аз ҷиҳати ҳудудӣ монанд набудани шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати ҳалли вазифаҳои давлат дар самти таъмини амнияти ҳарбӣ, иқтисодӣ ва ғайра, рушди комплекси авиатсиониро ба яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа табдил

додаанд. Ҳамзамон, дурнамои рушди минтақаҳои душворгузар рушди комплекси мазкурро ҳамчун омили муҳими рушди минтақаҳои дурдасти кишвар пешбинӣ менамояд.

Муҳтаво ва муқарраротн диссертатсия дар ростои амалисозии санадҳои барномавии рушд, пеш аз ҳама, дастуру супоришҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022 дарҷгардида, вазифагузориҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар самти комплекси авиатсионӣ ҷиҳати амалисозии яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳалли мушкилоте, ки дар маҷмӯъ ба соҳаи нақлиёт, аз ҷумла, ба комплекси авиатсионии ҷумҳурӣ хосанд ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» зикр шудаанд, таҳия ва таълиф гардидааст.

Барои ноил гардидан ба ҳадафи диссертатсионӣ унвонҷӯ кушиш намудааст, ки асосҳои консептуалӣ ва принсипҳои илмии идоракунии комплекси авиатсионӣ, моҳият, сохтор, хусусиятҳои асосӣ ва вазифаҳои ин комплексро мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Барои коркарди тавсияҳои самарабахш таҷрибаи хориҷии идоракунии комплекси авиатсиониро омӯхтааст, марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва ҳолати муосири идоракунии ин комплексро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда омилҳои таъсиррасон ба механизми идоракунии комплекси авиатсиониро муайян намудааст. Пешниҳодҳо оид ба такмили механизми идоракунии комплекси авиатсионӣ бо назардошти хусусигардонӣ, азнавсозӣ ва азхудкунии соҳаҳои нави фаъолияти комплекси авиатсионӣ коркард ва асоснок карда шудааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро метавон тавассути таҷрибаҳои гузаронидаи муаллиф, дақиқии маълумот ва кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ намуд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ таҳия карда шудаанд. Натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф, ҳамчунин, ҷамъбасту хулосаҳои асоснок, тавсияҳои асоснок, имкониятҳои таҳлили назариявию амалиро дар соҳаи идоракунии комплекси нақлиёти авиатсионӣ ва умуман, сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат васеъ мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки ҳамаи давраҳои иҷрои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ сурат гирифтааст. Муаллиф мавзӯи таҳқиқотро мустақилона интихоб намуда, муҳимият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро асоснок намудааст ва нақшаи мантиқии иҷрои таҳқиқоти диссертатсиониро таҳия намудааст. Инчунин, унвонҷӯ мустақилона маводи мавзӯи таҳқиқотиро ҷамъоварӣ карда, онҳоро таркиббандӣ ва коркард намудааст. Унвонҷӯ дар заминаи робитаҳои шабакавӣ оид ба такмили механизмҳои идоракунии комплекси авиатсионӣ бо назардошти хусусигардонӣ, азнавсозӣ ва азхудкунии соҳаҳои нави фаъолияти комплекси авиатсиониро пешниҳод намудааст. Саҳми бевоситаи муаллиф дар такмили идоракунии комплекси

авиатсионӣ бо санади татбиқи амалии Агентии идоракунии авиатсияи гражданин Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

Дар хотима бояд қайд намуд, ки кори диссертатсионии Раҳмон Юсуф Азим ҳамчун таҳқиқоти анҷомёфта буда, дорои арзишҳои баланди илмиву амалӣ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷавобгӯи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад ва онро метавон барои ҳимояи расмӣ пешниҳод намуд.

**Роҳбари илмӣ:**
**директори ИИД АМИТ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Ш. Раҳимзода**

**Имзои д.и.и., профессор Ш. Раҳимзодаро тасдик мекунам.**

**Нозири калон оид ба кадрҳои ИИД АМИТ** **Қурбонов Э.Т.**

« 01 » сентябри соли 2023